Тибқи барономаи тасдиқгардида, санаи 28 феврали соли ҷорӣ чорабини дар мавзуъи “Пешниҳоди маҳсулоти кишоварзии табиӣ ба ҳама” бо сухани ифтитоҳии Шарифи Баҳодур Маҳмудзода – сафири Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Амороти муттаҳидаи Араб ҳусни оғоз бахшида шуд. Баъдан, Назаров Баҳодур – сардори раёсати сиёсати аграрӣ ва мониторинги бехатарии озуқаворӣи Вазорати кишоварзии ҶТ ҳозиринро бо ҳолати кунунии самтии кишоварзии ҷумҳури шинос намуда, бо дастовардҳои соҳа шинос намуд ва омодагии вазоратро барои ҳамкории мутақобилан судманд иброз дошт.



Ҳамзамон, аз тарафи Исломов Обид – ҳамоҳангсоз оид ба агробизнеси Лоиҳаи Рушди иқтисодиёти деҳот дар якҷоягӣ бо Вазорати кишоварзӣ рӯнамо омода карда шуда, пешниҳоди иштирокчиён гардонида шуд. Рӯнамо қисматҳои зерин иборат буд: (I) маълумоти умумӣ оиди шумораи истеъмолкунандагон ва истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, (II) фазои сармоягузорӣ, (III) таърихи комёбиҳо ва (IV) самтҳои афзалиятнок барои сармоягузорӣ.

Баъди пешниҳоди рӯнамо ва саволу ҷавоб, иштирокчиёнро ба павилион Ҷумҳурии Точикистон даъват карда шуда, бо маҳсулотҳои ватанӣ шинос карда шуданд.



Бо сардори маҳсулотҳои Ҷамъияти ҳамкории Шарҷаҳ – ҷаноби Тайсир Зияда вохури баргузор карда шуда, шароитҳои фароҳам барои сармоягузорӣ ва рушди агробизнес фаҳмонида шуд ва даъват ба амал оварда шуд, ки дар муҳлати барои худашон мувофиқ ба Тоҷикистон ташриф оранд.

Ҳамзамон, ба ҷаноби Якуб Мухаммад ал Балуши – роҳбари раёсати категорияи “Тару тоза”-и ҷамъияти “Иттиходмол”, “Ал Барша молл” ва “АЛВАРҚА од” вохури гузаронида шуда, барои ҳамкории мутақобилан судманд даъват карда шуданд.



Бо соҳибкори ватанӣ ҷаноби Ашуров Пулод оид ба сертификаҷияи молу маҳсулоти кишоварзии ҷумҳурӣ ва мутобиқат намудани молу маҳсулоти ватанӣ ба стандартҳои байналмиллалӣ ва рушди агробизнес, ки ба ҳадафи чоруми миллӣ, яъне “саоатикунонии мамлакат” мувофиқат мекунад, машварат гузаронида шуд.